**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси: 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

« 9 » феврали соли 2023 ш. Душанбе

Диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» ба таҳқиқи қиёсии навъи сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ бахшида шудааст.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ сифат ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ, дорои хусусиятҳои луғавӣ-семантикӣ, сарфӣ ва наҳвӣ мебошад. Дар забонҳои мавриди таҳқиқ сифат бо исм алоқи зич дошта, исм агар предмет, ашё ва ё шахсро ифода кунад, сифат ифодакунандаи чигунагии онҳо ба шумор меравад.

Баробари ба як қатор восита ва тарзҳои гуногуни фарққунанда соҳиб будан, сифат дар забони тоҷикӣ аз ҳиссаҳои дигари нутқ бо маҳрум буданаш аз баъзе категорияҳои грамматикӣ тафовут дорад.

Масалан сифат дар забони тоҷикӣ категорияи ҷамъ надорад. Ҳангоми бо исм омадан, исм хоҳ ҷамъ ояд, хоҳ танҳо, сифат дар шакли танҳо боқӣ мемонад, аммо дар муқоиса бо забони тоҷикӣ сифат дар забони фаронсавӣ дорои категорияи ҷамъ буда, ҳангоми бо исм омадан дар ҷинс ва шумора бо он мувофиқат мекунад. Аз ин рӯ, сифатҳои аслии забонҳои зикргардида, бахусус сифатҳои аслии забони фаронсавӣ на танҳо барои омӯзандагон, балки барои худи соҳибзабонон ва мутарҷимон низ мушкилоти азимеро пеш меорад.

Танҳо омӯзиши амиқи сифатҳои аслӣ аз нуқтаи назари муқоисавӣ барои хубтар фаҳмидан ва мукаммалтар донистани он ёрӣ мерасонад. Бинобар ин, таҳқиқи муқоисавӣ-қиёсии хосияту хусусиятҳои типологии

сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ дар илми забоншиносӣ аз аҳамият холӣ набуда, аз мубрамии мавзуи мавриди таҳқиқ шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович ба яке аз масъалаҳои норавшан ва омӯхтанашудаи сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ омода гардида, дар он маротибаи аввал монандиву тафовути қолаби луғавӣ-семантикӣ ва синтаксисии сифатҳои аслӣ таҳлилу баррасӣ ва муайян гаштаанд, ки аз навоварии кори таҳқиқотӣ гувоҳӣ медиҳад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро адабиёти илмию назариявии забоншиносони ватаниву хориҷӣ, ташкил медиҳанд. Маълум гардид, ки зимни баррасии масоили баҳсталаби диссертатсияи мазкур дастовардҳои илмии олимон, ба монанди Ш. Балли, Б. Бенвенист, Э. Бенвенист, К. Мартин, Ж. К. Шувалие, В.В Виноградов, С. Арзуманов, В.Г.Гак, Н. Маъсумӣ, Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров ҳамчун асосҳои назариявӣ ва методологӣ истифода гардидаанд.

Таҳқиқоти баанҷомрасондаи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович арзиши баланди илмӣ дошта, тартиби масъалагузорӣ ва ҳалли онҳо мантиқан дуруст ба роҳ монда шудааст. Диссертатсия ба забони илмӣ иншо гардида, дорои мазмуну муҳтавои илмӣ мебошад. Натиҷагирию хулосабарориҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертант объекти таҳқиқро ба таври зарурӣ омӯхта, таҳлилу баррасӣ намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар асоси талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, таълиф шудааст.

Дар муқаддима диссертант мубрамияти мавзуи интихобгардидаро асоснок намуда, ҳамчунин дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи

таҳқиқот бо барномаву мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои он, объекти таҳқиқот ва мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявию амалӣ ва методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии муҳаққиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро тавсиф намудааст.

Боби якуми диссертатсия «Заминаҳои таҳқиқи сифат дар забоншиносӣ» ном дошта, дар он хусусиятҳои сохторӣ ва маънoии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисола «Вазифаи семантикӣ-грамматикии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» унвон гирифта, дар он сохтори семантикӣ-морфологии сифат, дараҷаҳои сифат, ифодаёбии дараҷаи муқоисавии сифат бо роҳҳои гуногун ба монанди ифодаи он бо роҳи синтетикӣ, ба воситаи таркибҳо ва ғайра таҳлилу баррасӣ мегардад. Дар боби мазкур ҳамчунин бо муқоиса якҷоя омадани пешоянди «аз» дар забони тоҷикӣ ва пешоянди «de» дар забони фаронсавӣ таҷдиди назар шудааст.

Боби сеюм бошад ба «Вазифаи наҳвии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ» бахшида шудааст. Муаллиф ин бобро аз таснифу гурӯҳбандии нақши сифат дар забонҳои муқоисашаванда ва тафовути онҳо оғоз намуда, бозтоби ҳар як намуди ҷумларо дар шакли муқоисавӣ шарҳу тавзеҳ медиҳад. Муаллифи диссертатсия тавонистааст, нақши сифатҳои аслиро дар ҷумлаҳои забони тоҷикӣ ва фаронсавӣ таҳлилу баррасӣ намуда, тафовуту монандии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда нишон диҳад.

Муаллифи диссертатсия дар ҳар як фасл ва хулосаҳои бобҳои мазкур сифатҳои аслии забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавиро аз рӯйи хосияти

умумиву мутафовит ва тобишҳои маънои ашон тасниф карда, бо мисолҳои муътамад асоснок кардааст.

Дар хулосаи умумии кор мазмуну муҳтавои диссертатсия дар чордаҳ банд натиҷагирӣ карда шуда, мақсад ва вазифаҳои пешгузоштаи муҳаққиқ дар он пурра ҷамъбаст гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ комилан мувофиқ мебошад.

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 21 мақола, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ки бевосита ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ, аҳамияти назарияавию амалии таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экпертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷоновичро дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» таҳқиқоти анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя пешниҳод намудан мумкин аст.

Дар асоси банди 60-и «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», комиссияи экспертӣ чунин хулоса мекунад:

1. Диссертатсияи Маликов Абдулвоҳид Расулҷонович дар мавзуи «Таҳлили луғавӣ-семантикии сифатҳои аслӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ (бар мабнои маводи адабиёти бадеӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар Шурои

диссертатсионии 6D. КОА - 068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки бо корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

2.1. **Тағоева Табассум Музафаровна** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

2.2. **Ҷумаев Туйчибой Боқиевич** - номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи такриздиҳанда **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон** ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Мухторов З. М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ: Ҷамшедов П. Ҷ.

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ: Саидзода Ҳ. А.